Дирафши мо

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 21 Ноябр, 2024 - 17:10

Дирафши мо
Дирафши ковиёнӣ, бостону ҷовидон дорам
Шарафмандона шуҳрат з-он чу тоҷи зарфишон дорам
Ба имрӯз аз азал рамзи равону ҳам тавонам ҳаст.
Ба ҷавлонаш навиди ифтихору
Ҳастию руҳи равон дорам.
Дирафши ман,
Ту рамзи ҳастии ҷонам!
Ту парварди ниёгонам!
Башорат аз ниёгонам!
Ғурури Оли Сомонам!
Ту то ҳастӣ ватан дорам!
Нажоди хештан дорам!
Ба то ҳоле забон дорам,
Нишон дорам!
Сари боло миёни мардумон дорам!
Зи мавҷи ту Дирафшам, ман...
Ниё з-он ҳафт руҳи аҳрамаспи ҷовидони осмон дорам!
Парафшонит зи Ваҳдат!
Эй, ту рамзи марзбони ман!
Туйӣ бунёду бас њамсози миллат, ҳам ту пирӯзӣ!...
Ба ҷони ман!
Муқаддас ту!
Дурахшо. Партав афшон!
Шукр! Сад бар ту сипосам! Ба ҳастиат бинозам!
Ҷаҳон то ҳаст, хушрӯзам,
Ки зеро то Дирафши Ковиён дорам,
Замин дорам, замон дорам!...
Ватан дар ин ҷаҳон дорам!
Дирафши тоҷикон дорам!
Бақои ориён дорам!!!
Дирафши ман,
Ту рамзи ҳастии ҷонам!
Ту парварди ниёгонам!
Башорат аз ниёгонам!
Ғурури Оли Сомонам!
Ту то ҳастӣ ватан дорам!
Нажоди хештан дорам!...

Раҳими Зулфониён

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 4.3 (4 овоз)

Rate

Дирафши мо
Интишори сомонаи «Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (https://www.kumitaizabon.tj)

Категория:

- Ахбори рӯз [1]

Манбаъ::https://www.kumitaizabon.tj/tg/content/dirafshi-mo-0?mini=2026-10

Пайвандҳо
[1] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7